# ПРОТОКОЛИ № 54.1
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**аз «22» июни соли 2026** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз гардад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муаян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Бобоев Фарухзод Махкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Ризозода Т.Р., муовини раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д., аъзоёни шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. ва д.и.и., дотсент Абдуқодирӣ Х.А. дар раванди баррасии масъалаи мазкур суханронӣ намуда, оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро ба экспертизияи аввалия қабул намудан мумкин аст.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Махкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию

иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Исмоилов М.М.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

- **Хоҷаева Д.М.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ;

- **Саиджонов С.Ш.**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 11 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**